# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи номзадии Рашид Абубакр дар мавзӯи «Омӯзиши таъсири баъзе омилҳои техногенӣ ба ҳолати физиологии организми аҳолии ш. Ҳироти ҶИА»**

Масъалаҳои мухталифе, ки мундариҷаи проблемаҳои экологиро ташкил медиҳанд дар тӯли таърихи инсоният давра ба давра ба вуҷуд омадаанд. Сифати муҳити зист ба таври қатъӣ ба саломатии одам таъсир мерасонад. Саломатии одам ҳамчун намуди иҷтимоӣ на танҳо категорияи биологӣ, балки нишондиҳандаи муҳими инкишофи ҷамъият ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, саломатиро ҳамчун боигарии ҷамъият на танҳо аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, балки экологӣ низ маънидод кардан лозим аст.

Беҳтар намудани вазъи экологии шаҳрҳо, ки дар он шумораи зиёди аҳолӣ зист дорад ва таъмин намудани бехатарии онҳо, кам шудани теъдоди беморон дар байни кудакон ва наврасон (мактаббачагон) бояд диққати ҳамаи роҳбарони ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳоро ба худ ҷалб кунад. Чунки сол аз сол зиёд шудани теъдоди автомобилҳои гуногунтамға, паст будани сифати сузишворӣ, олудакунии ҳавои атмосфераро хело ҳам зиёд мекунад. Бинобар ин, мавзӯи интихобгардидаи рисолаи Рашид Абубакр дар мавзӯи «Омӯзиши таъсири баъзе омилҳои техногенӣ ба ҳолати физиологии организми аҳолии ш. Ҳироти ҶИА» дар замони рушди урбанизатсия хело муҳим арзёби карда мешавад.

Муаллиф дар асоси таҷрибаҳои бисёрсола гузаронидаи худ нишон додааст, ки яке аз омилҳои асосии олудакунандаи ш. Ҳирот ин нақлиёти гуногунтамга мебошад, ки қариб 80%- и ҳавои шаҳрро олуда мекунад. Боқимондаашро дигар омилҳо, ба монанди омилҳои сузишвории хонагӣ, маводҳои кимиёвӣ ва ғайраҳо ташкил мекунанд.

Тадқиқотҳои хеле назаррасро дар омӯзиши синну соли то ба балоғат ва ба балоғатрасӣ тағйирёбии антропогенӣ, нафаскашӣ, кори системаи ҳозима, дилу рагҳо дар хонандагоне, ки дар мавзеъҳои

гуногуни экологӣ қарор доранд гузаронида шудааст ва фарқияти функсияҳои физиологии онҳо оварда шудааст.

Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф шоёни таҳсин аст ва ин натиҷаҳоро дар соҳаҳои гуногун ба монанди, физиология, экология, химия, иқлимшиносӣ истифода бурдан лозим аст.

Таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳо ҳамашон аз корҳои иҷрокардашуда сарчашма мегирад. Оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ мақолаҳои илмӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамин тавр ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи Рашид Абубакр кори пурра ба охир расонида буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Эродҳо нисбати автореферат нестанд ва мусбӣ мебошанд.

Рисолаи Рашид Абубакр дар мавзӯи «Омӯзиши таъсири баъзе омилҳои техногенӣ ба ҳолати физиологии организми аҳолии ш. Ҳироти ҶИА» ба талаботи КОА-и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рисолаи номзадӣ муқарар карда шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои биологӣ оид ба тахассуси 03.03.01. - физиология арзанда мебошад.

Мудири кафедраи геоэкологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
номзади илмҳои биология, дотсент/____________/ Раҳимов Маҳмаднаврӯз

Имзо ва дараҷаи номзадии Раҳимов М.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ________________ Назаров Д.

*Раҳимов Маҳмаднаврӯз Муродович. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, кафедраи геоэкология. Сомонаи расмӣ: www. tgpu.tj. Тел. +992 (37) 2241383, (+992) 938797850. E-mail: navruzzbg@mail.ru*